# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Имомов Ҳ.Ш. фарогирандаи ҷанбаҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва қонунгузории ҳизбҳои сиёсӣ мебошад, ки дар марҳилаи кунунӣ мубрамияти бештарро пайдо намудааст. Зеро, баъд аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эътирофи принсипҳои гуногунандешии сиёсӣ, мафкуравӣ ва бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон дар ин марҳилаи рушди давлатдории миллӣ, то ба ҳол таҳқиқоти маҷмӯи, ба хусус, ба забони давлатӣ оид ба падидаи мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ анҷом наёфтааст.

Бояд иброз намуд, ки дар марҳилаи кунунӣ, дар раванди идоракунии корҳои давлатӣ ва ҳаёти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳизбҳои сиёсӣ таваҷҷӯҳи махсус дода мешавад. Чунки дар замони муосир ҳизбҳои сиёсӣ ягона иттиҳодияи ҷамъиятие эътироф карда мешаванд, ки тибқи муқаррароти меъёрии Конститутсия ва қонунгузории амалкунандаи кишвар ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба муттаҳидшавӣ амалӣ мегардонанд ва дар таъсис ва фаъолияти мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи ҳокимияти давлатӣ иштирок менамоянд. Ин хусусиятҳои ҳизбҳои сиёсӣ мавқеи муҳимми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ доштани онҳоро дар низоми ҳокимияти давлатӣ ва ҳаёти сиёсии кишвар барои таҳкими принсипҳои гуногунандешии сиёсӣ, мафкуравӣ ва бисёрҳизбӣ инъикос менамоянд. Ба андешаи муаллиф, омӯзиши ҷанбаҳои ҳуқуқии ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккул ва рушди мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон дар шароити муосир, ба навтарин таҳқиқоти илмӣ дар ин самт ниёз дорад. Аз ин рӯ, таҳқиқоти анҷомпазируфтаи Имомов Ҳ.Ш. маҳз ба ҳамин масъала бахшида шуда, дар шароити имрӯза мубрамияти хоси худро доро мебошад.

Маврид ба тазаккур аст, ки бо инкишофи муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ, баинобатгирии таҷрибаи байналмилалӣ, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон, зарурати такмили қонунгузории конститутсионӣ, аз ҷумла, меъёрҳо вобаста ба мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба миён омадааст. Ҳамчунин, аз таҳлил ва баррасии диссертатсияи Имомов Ҳ.Ш. чунин хулоса намудан мумкин аст, ки он дар ҳамбастагӣ бо омӯзиши қонунгузорӣ оид ба ҳизбҳои сиёсӣ ба анҷом расида, диссертант мушкилиҳоеро, ки ба рушди падидаи мазкур дар марҳилаи муосири инкишофи ҷомеа монеа эҷод мекунанд,

ошкор намуда, пешниҳодҳо ва тавсияҳои мушаххаси илман асоснокро ироа менамояд.

Гуфтаҳои болозикр бори дигар шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар замони имрӯза омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва қонунгузории ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам буда, саривақтӣ будани таҳқиқоти диссертатсионии диссертантро исбот менамоянд.

2. Диссертатсия таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ дар ин самт ва раванди таълим ба таври фаррох истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Бинобар ин, қайд намудан имконпазир аст, ки диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мувофиқ буда, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019, ки мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, таҳти №16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 20 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Имомов Ҳ.Ш. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarda шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Имомов Ҳ.Ш. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

- Элназаров Давлатшо Хоҷаевич – мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Донишгоҳи (Салавянии) Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

- Мухторов Киромиддин Тоҷиевич – дотсенти кафедраи ҳуқуқшиносии факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ш. Хуҷанд) таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Зоир Ҷ.М.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарофзода Р.Ш.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.